*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

| Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №36 (2863) | ШАНБЕ, 31 МАРТИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад |
|---|---|---|---|---|





## Машварати кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**28 марти соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо аъзои Ҳукумати кишвар, роҳбарони идораҳои назди Ҳукумат, масъулони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони дахлдор машварати корӣ доир намуд.**

Дар машварат масоили вобаста ба тезонидани киштукори баҳорӣ, омодагӣ ба обхезию дигар офатҳои табиӣ ва вусъат додани кори корхонаҳои саноатӣ баррасӣ шуд.

Доир ба масъалаҳои номбурда гузориши муовини Сарвазири кишвар Муродалӣ Алимардон ва дигар шахсони масъул шунида шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд, ки барои тезонидани киштукори баҳорӣ, таъмини кишоварзон бо техникаю механизмҳои зарурӣ, тухмиҳои хушсифат ва нуриҳои минералӣ аз тамоми имкону захираҳои мавҷуда истифода карда шавад. Аз ҳозир барои афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва барои тирамоҳу зимистони оянда фаровон захира кардани неъматҳои моддӣ чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

Дар робита ба эҳтимолияти фуруд омадани тарма ва ярч, обхезиҳои баъди обшавии барфи беандоза зиёди имсола ва боронҳои шадиди баҳорӣ дастур дода шуд, ки дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар ситодҳои омодагӣ ва огоҳсозии мардум аз хавфи офатҳои табиӣ таъсис дода шаванд. Таъкид гардид, ки барои огоҳсозии мардум аз хатари офатҳои табиӣ ва амалисозии чораҳои саривақтӣ воситаҳои ахбори омма ва дигар имконоти мавҷуда бояд васеъ ҷалб гарданд.

Вобаста ба гармшавии тадриҷии ҳаво, зиёдшавии оби дарёҳо ва дар рӯзҳои наздик кам шудани маҳдудияти таъминоти неруи барқ дастур дода шуд, ки корхонаҳои саноатӣ баъди бемаҳдудият гирифтани неруи барқ корро шабонарӯзӣ, дар се баст ташкил намуда, истеҳсоли маҳсулотро афзун созанд.

Дастуру ҳидоятҳо ҳамчунин доир ба бунёди корхонаҳои нави саноатӣ, амалӣ намудани дигар тадбирҳо ва муҳайёсозии ҷойҳои нави корӣ дода шуд.

***www.prezident.tj***

## Аз ҳозир бояд ба тирамоҳу зимистони оянда омода шуд

**29 марти соли 2012 Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо раисони вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, роҳбарони як қатор вазорату идораҳо ва масъулони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон машварати корӣ доир намуд.**

Дар машварат масъалаҳои вобаста ба вусъат додани киштукори баҳорӣ, пешгирии офатҳои эҳтимолии табиӣ ва омодагӣ ба тирамоҳу зимистони оянда баррасӣ шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, бо назардошти тӯл кашидани зимистони имсола ва қафо мондани оғози киштукори баҳорӣ, аз масъулини ҷумҳуриявию маҳаллӣ талаб намуд, ки аз ҳар рӯзи офтобӣ ва ҳавои мусоид пурсамар истифода баранд, то ки тамоми заминҳои корам кишт карда шаванд. Таъкид гардид, ки барои ин ба кишоварзон ҳамаҷониба кӯмак бояд кард.

Ба андешаи Эмомалӣ Раҳмон, зимистони тӯлонии гузашта ва мушкилоти зиёди пешовардаи он, хусусан барои чорводорон собит намуд, ки захираи дусолаи маводи ғизоӣ ва сӯзишворӣ доштан то чӣ андоза зарур аст. Аз ин хотир таъкид гардид, ки аз ҳозир барои афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзию саноатӣ ва фаровон захира намудани он барои зимистон аз тамоми имкону захираҳои мавҷуда истифода карда шавад.

Ба роҳбарони тамоми шаҳру ноҳияҳо ва масъулини ҷумҳуриявӣ дастур дода шуд, ки барои огоҳсозии мардум аз хатари обхезию дигар офатҳои табиӣ ва амалисозии чораҳои саривақтӣ ситодҳои доимоамалкунанда таъсис дода, онҳоро бо мутахассисони кордон ва техникаю таҷҳизоти зарурӣ таъмин намоянд.

Супоришҳои мушаххас ҳамчунин доир ба вусъат додани корҳои созандагию ободонӣ, ба таври шабонарӯзӣ ба роҳ мондани фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, дастгирии ҳамаҷонибаи соҳибкорон ва муҳайёсозии ҷойҳои нави корӣ дода шуд.

***www.prezident.tj***

## Ҳамкориҳои байнипарлумонӣ тақвият меёбанд

**Аз 26 – ум то 28 – уми марти соли ҷорӣ Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷиҳати иштирок дар ҷаласаи Шӯрои Ассамблеяи Байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки ба муносибати 20 – умин солгарди таъсисёбии ин ниҳод баргузор гардид, дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон қарор дошт.**

Тавре котиби матбуотии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадато Султонов ба мо иттилоъ дод, рӯзи 26 – уми март Раиси Маҷлиси намояндагон Шукурҷон Зуҳуров дар доираи ин сафар бо Раиси парлумони Ҷумҳурии Қирғизистон А.Ш Жээнбеков, Раиси Сенати парлумони Ҷумҳурии Қазоқистон К. А. Мами, Раиси палатаи поёнии парлумони ин кишвар Н.З. Нигматулин ва раиси Кумита оид ба корҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, робита бо ҳамватанони Думаи давлатии Маҷлиси федералии Федератсияи Россия Л. Слутский мулоқот анҷом дод.

Дар ҷараёни ин мулоқотҳо Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нахуст ҳамтоёни худро бо 20 – умин солгарди таъсисёбии Ассамблеяи Байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил табрик гуфта, аз ҷумла чунин ибroз намуд: -Боиси сарфарозии мост, ки муддати 20 сол дар паҳлуи ҳамдигар фаъолият намуда, ҳамеша аз мавқеъҳои муштараки кишварҳои Иттиҳоди мазкур пуштибонӣ менамоем. Имрӯз Ассамблеяи Байнипарлумонӣ ҳамчун субъекти комилҳуқуқи муносиботи байналмилалӣ, на танҳо дар сатҳи минтақавӣ, балки дар миқёси ҷаҳонӣ муаррифӣ ва шинохта шудааст.

Шукурҷон Зуҳуров зикр намуд, ки сохтори таъсисдодаи мо муҳим будани худро ҳамчун ниҳоди байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳими минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, ироаи пешниҳодҳои ҷолиб ҷиҳати ҳалли мушкилоти ҳам минтақавӣ ва ҳам ҷаҳонӣ дар арсаи байналмилалӣ исбот намудааст.

Раиси Маҷлиси намояндагон ҳамчунин изҳор дошт, ки парлумони касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои узвият дар Ассамблеяи Байнипарлумонӣ таҷрибаи фаъолияти парлумонҳои кишварҳои аъзои Иттиҳодро пурра омӯхта, аз ин таҷрибаҳо дар фаъолияти қонунофарии худ истифода кардааст.

Дар ҷараёни мулоқотҳо ҳамчунин масъалаҳои тақвияти ҳамкорӣ байни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва парлумонҳои кишварҳои Қирғизистон, Қазоқистон ва Думаи давлатии Маҷлиси федералии Федератсияи Россия, фаъол намудани кори гурӯҳҳои дӯстии парлумонӣ, густариши муносибот дар заминаҳои иқтисод, тиҷорат, энергетика, сармоягузорӣ, захираҳои обӣ, кишоварзӣ, фарҳанг, варзишу туризм ва дигар соҳаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин дар ҳошияи сафари худ ба Алмаато дар ҷаласаи Шӯрои Ассамблеяи Байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил иштирок ва суханронӣ намуд.

Шукурҷон Зуҳуров дар баромади худ, аз ҷумла таъкид кард: -Ассамблеяи Байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар системаи муносиботи байнипарлумонии байналмилалӣ ба яке аз созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ табдил гардидааст ва ман умедвор ҳастам, ки гиромӣ доштани 20 – умин солгарди ин созмон, на танҳо обру ва нуфузи ниҳоди моро дар арсаи ҷаҳонӣ боз ҳам баландтар мебардорад, балки раванди устувореро дар рушду равнақи парлумонҳои кишварҳои аъзои он ба вуҷуд хоҳад овард.

Ҳамчунин Раиси Маҷлиси намояндагон Шукурҷон Зуҳуров дар доираи сафари худ рӯзи 27 – уми март бо Раиси Луи Ҷиргаи Ассамблеяи миллии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Абдулло Рауф Иброҳимӣ мулоқот анҷом дод.

Дар мулоқот зикр гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои Афғонистони ҳамсояи худ ҳамеша ҳамчун кишвари дӯсту бародар ва ҳамзабон боқӣ хоҳад монд ва аз мавқеи ин кишвар дар ҳамаи созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ҷонибдорӣ хоҳад кард.

-Тоҷикистон ҷонибдори барқарории сулҳу суботи комил дар Афғонистон буда, хостори пешрафтҳои чашмрас дар ин кишвари ҳамсоя ва ҳамзабони худ аст, - изҳор дошт Шукурҷон Зуҳуров ва илова намуд, ки баргузор кардани Конфронси панҷуми байналмилалии ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон (RECCA-5) дар рӯзҳои таҷлили Наврӯз дар пойтахти Тоҷикистон аз ҷумлаи ибтикороти роҳбарияти кишвари мо аст, ки ба хотири барқарории оромиву субот дар Афғонистон сурат гирифт.

Раиси Луи Ҷиргаи Ассамблеяи миллии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Абдулло Рауф Иброҳимӣ аз иқдомоти ҷониби Тоҷикистон барои кӯмаку мусоидат дар сулҳу субот ва рушди иқтисодии ин кишвар изҳори сипос кард.

Мавсуф изҳор дошт, ки дар сурати таъмини сулҳу субот ва пешрафт дар кишвараш он метавонад омили рушди иқтисодӣ ва тиҷоратӣ дар минтақа шавад.

Мавзӯъҳои тақвияти ҳамкориҳои байнипарлумонӣ миёни Тоҷикистону Афғонистон ва муборизаи муштарак бар зидди қочоқи маводи мухаддир аз масъалаҳои дигари мулоқоти Шукурҷон Зуҳуров ва Абдулло Рауф Иброҳимӣ буданд.

Бо ҳамин сафари Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ба шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон ба анҷом расид.

Мавриди зикр аст, ки сафари мазкур ба раванди муносиботи байнипарлумонии Тоҷикистон бо парлумонҳои кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дар маҷмӯъ бо Ассамблеяи Байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил такони тоза бахшида, заминаи мусоидро ҷиҳати тақвияти ин ҳамкориҳо боз ҳам бештар фароҳам хоҳад овард.

● Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси миллии
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум



## Қонунҳо ҷонибдорӣ гардиданд, ҳисоботи Прокурори генералӣ ба инобат гирифта шуд

**29 марти соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум доир гардид.**

**РАИС: - Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мувофиқи маълумоти пешакӣ аз 34 нафар аъзои Маҷлиси миллӣ 32 нафар дар толор иштирок доранд. Бо мақсади бори дигар дақиқтар намудан аз аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоем, ки бо истифода аз системаи электронӣ аз қайд гузаред. Марҳамат.

Ҳоло дар толор 32 нафар аъзои Маҷлиси миллӣ ҳузур доранд.

Дар Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Прокурори генералӣ, раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ, раиси Бонки миллии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок доранд. Ҳамчунин намояндагони воситаҳои ахбори омма, ки ба иҷлосия даъват шудаанд, дар толор ҳузур доранд.

Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!

Мутобиқи моддаи 20 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорумро кушода эълон менамоям.

*(Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад)*

**РАИС: - Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мутобиқи моддаи 25 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо лозим аст котиботи Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорумро интихоб намоем. Оид ба ин масъала ба таваҷҷуҳи шумо лоиҳаи қарори зерин пешниҳод мешавад:

Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар бораи котиботи Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум

Мутобиқи моддаи 25 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Котиботи Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум дар ҳайати зерин интихоб карда шавад:



**Раиси котибот:**

Ғаниева Гулчеҳра Самеевна

**Аъзои котибот:**

Гулаёзов Шодихон Алидодхонович

Шоиддинов Фазлиддин Тавакалович.

Чӣ гуна таклифҳо доред? Лоиҳаи қарори зикршударо ба овоз мемонам. Марҳамат, мавқеи худро муайян намоед. *Қарор қабул шуд.* Аз аъзои Маҷлиси миллӣ, ки ба ҳайати котибот интихоб шуданд, хоҳишмандам ба ҷойҳои кориашон гузаранд.

Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!

Ба мо лозим аст, ки рӯзномаи Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорумро тасдиқ намоем. Лоиҳаи қарор оид ба ин масъала дар дасти шумо ҳаст. Чӣ гуна таклиф доред? Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи рӯзномаи Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» ба овоз мемонам. Қарор бо дарбаргирии масъалаҳои зерин қабул шуд:

**1. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколати узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатов М.С.»**

**2. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозхонди раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия Давлатов М.С.»**

**3. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколати узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидов Н.С.»**

**4. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозхонди раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Саидов Н.С.»**

**5. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфароз гардонидани Давлатов М.С. бо «Ифтихорномаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**6. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфароз гардонидани Саидов Н.С. бо «Ифтихорномаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ»**

**8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»**

**10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»**

**11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ»**

**12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ»**

**13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ»**

**16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**18. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ»**

**19. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**20. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**21. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама»**

**22. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**23. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ»**

**24. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ»**

**25. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд»**

**26. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизати растаниҳо»**

**27. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ»**

**(Идома дар саҳ. 2)**

# Қонунҳо ҷонибдорӣ гардиданд, ҳисоботи Прокурори генералӣ ба инобат гирифта шуд

(Идома аз саҳ. 1)

**28. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**29. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ»**

**30. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**31. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ»**

**32. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**33. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ»**

**34. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш»**

**35. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ»**

**36. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот»**

**37. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**38. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани тарҳи шаҳри Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон»**

**39. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи шаҳрак, деҳот ва деҳаҳои вилояти Хатлон»**

**40. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи шаҳрак, деҳот ва деҳаҳои вилояти Суғд»**

**41. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Ҳисор»**

**42. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ташкил намудани деҳоти «Ваҳдат» – и ноҳияи Тавилдара»**

**43. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби машваратчиёни халқии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**44. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ»**

**45. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия»**

**46. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби узви Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ»**

**47. Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби узви Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология»**

**48. Ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҳолати назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011».**

**РАИС: - Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем.

**РАИС:** - Масъалаи аввали рӯзномаи иҷлосия – лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколати узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатов Матлубхон Султонович» мебошад.

Оид ба ин масъала лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дасти шумо ҳаст. Чӣ гуна таклиф доред? Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколати узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатов Матлубхон Султонович»-ро ба овоз мемонам. Қарор қабул шуд.

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия - лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозхонди раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия Давлатов Матлубхон Султонович» мебошад.

Оид ба масъалаи баррасишуда лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дасти шумо ҳаст. Чӣ гуна таклиф доред? Бо назардошти таклифи пешниҳодшуда лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозхонди раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия Давлатов Матлубхон Султонович»-ро ба овоз мемонам. *Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** -Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколати узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидов Нуриддин Саидович» шурӯъ менамоем.

Оид ба ин масъала лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дасти шумо ҳаст. Чӣ гуна таклиф доред? Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколати узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидов Нуриддин Саидович»-ро ба овоз мемонам. *Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия - лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозхонди раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Саидов Нуриддин Саидович» мебошад.

Оид ба масъалаи баррасишуда лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дасти шумо ҳаст. Чӣ гуна таклиф доред? Бо назардошти таклифи пешниҳодшуда лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозхонди раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Саидов Нуриддин Саидович»-ро ба овоз мемонам. *Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия - лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфароз гардонидани Давлатов Матлубхон Султонович бо «Ифтихорномаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад.

Бо иҷозати шумо таклиф менамоям, ки раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия Давлатов Матлубхон Султонович барои иштироки пурсамар дар фаъолияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо «Ифтихорномаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардонида шавад.

Оид ба ин масъала пешниҳоди дигар набошад, лоиҳаи қарори мазкурро ба овоз мемонам. *Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфароз гардонидани Саидов Нуриддин Саидович бо «Ифтихорномаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем.



Бо иҷозати шумо таклиф менамоям, ки раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Саидов Нуриддин Саидович барои иштироки пурсамар дар фаъолияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо «Ифтихорномаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардонида шавад.

Оид ба ин масъала пешниҳоди дигар набошад, лоиҳаи қарори мазкурро ба овоз мемонам. *Қарор қабул шуд.*

**РАИС: - Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ» мебошад.

Дар ин бора сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният мӯҳтарам Илолов Мамадшо дода мешавад. Марҳамат.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ» аз 6 бобу 29 модда иборат буда, муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда, принсипҳои асосӣ, тартиб, салоҳият, ӯҳдадориҳо ва масъулияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, шахсони мансабдор ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин соҳа муқаррар менамояд.



Қонун дар таҳрири нав бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Назира Ғафорова, Саттор Холов ва Абдузафар Иномов пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2011 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бартараф намудан ва аз байн бурдани мухолифати байни қонунҳо, мукаммал ва мутобиқ намудани он ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

Боби 1 –уми Қонун аз моддаҳи 1 то 4 таркиб ёфта, дар он мафҳумҳои асосӣ, принсипҳо ва мазмуни асосии омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ, инчунин намудҳои сафарбарӣ муқаррар шудааст.

Мувофиқи моддаи 1-уми ҳамин боб мафҳуми сафарбарӣ ин - маҷмӯи чорабиниҳои умумидавлатии марбут ба гузаронидани соҳаҳои иқтисодиёт, мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ (минбаъд-ташкилотҳо), қаламрав ва аҳолӣ ба низоми ҳолати ҷанг, Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар воҳидҳои ҳарбӣ ва махсус ба ташкил, ҳайат ва идоракунӣ дар замони ҷанг (сафарбарии умумӣ ва ё қисме аз онҳо - сафарбарии ҷузъӣ) мебошад.

Боби 2-юми қонуни мазкур моддаҳои 5 то 10-ро дар бар гирифта, салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти давлатӣ, мақоми ваколатдор, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ муайян намудааст.

Мувофиқи сархати якуми моддаи 5 роҳбарии умумии фаъолияти мақомоти давлатиро дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.



Боби 3-юми ҳамин қонун аз 2 модда иборат буда, дар он масъалаҳои вобаста ба ӯҳдадориҳои ташкилотҳо, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандон дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ танзим шудаанд.

Боби 4-уми қонун аз моддаҳои 13 то 19 таркиб ёфта, масъалаҳоро вобаста ба ташкил ва тартиби омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ, сохторҳои сафарбарӣ, захираи сафарбарӣ, ӯҳдадории ҳарбию нақлиётӣ, низоми ташкил ва гузаронидани омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ, маблағгузории омодагӣ ба сафарбарӣ, сафарбарӣ ва сохторҳои сафарбарӣ ва ҳавасмандгардонии омодагӣ ба сафарбариро муайян намудааст.

Боби 5-уми қонуни зикргашта моддаҳои 20 то 25-ро дар бар гирифта, муносибатҳоро вобаста ба ташкил ва мӯҳлати ба хизмати ҳарбӣ даъват намудани шаҳрвандон тибқи сафарбарӣ, ӯҳдадориҳои онҳо, ба таъхир андохтани даъват ба хизмати ҳарбӣ тибқи сафарбарӣ, инчунин ташкил ва тартиби брон кардани шаҳрвандони дар эҳтиёт қарордошта барои давраи сафарбарӣ ва замони ҷангро муқаррар кардааст.

Боби 6-уми қонун муқаррароти хотимавӣ ном дошта, дар он масъалаҳои ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ, ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонуни мазкур, мавриди амал қарор додани он ва дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омодагии сафарбарӣ ва сафарбарӣ» аз 11 декабри соли 1999 қайд шудааст.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шуда, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонун ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Марҳамат Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004 қабул гардида, аз 62 бобу 508 модда иборат мебошад.

Қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2011 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар кишвар, ворид намудани таҷҳизот ва техникаи нав ҷиҳати зиёд намудани содироти маҳсулоти рақобатпазир ба хориҷи кишвар иборат мебошад.

Бо ин мақсад, дар банди 4) моддаи 345 баъд аз калимаҳои «(ки маҷмӯи ягонаро ташкил медиҳанд, яъне бе онҳо кори таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ имконнопазир аст)» калимаҳои «, аз ҷумла дар асоси шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг)» ва баъд аз калимаҳои «ситонида шаванд» калимаҳои «, ба истисноии воридоти чунин таҷҳизот дар асоси шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг)» илова карда шудааст, ки минбаъд мувофиқи ин меъёр воридоти таҷҳизот ва техникаи нав, ки тавассути лизинг сурат мегирад, аз пардохти боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шуда, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонун ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» шурӯъ менамоем.

Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» соли 2004 қабул гардида, аз 8 бобу 38 модда иборат мебошад.

Қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2011 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқ намудани он ба талаботи моддаи 26[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва амалишавии Нақшаи чорабиниҳо оид ба таъмини иҷрои «Тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба каррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012» иборат мебошад.

Бо ҳамин мақсад ба қонуни зикршуда моддаи $19^1$ бо мазмуни зайл илова карда шудааст:

«**Моддаи $19^1$. Ҷойивазкунии (ротатсияи) ҳайати роҳбарикунанда дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Бо мақсади истифодаи самараноки маҳорати касбӣ, пешгирӣ аз зуҳуроти кирдорҳои коррупсионӣ ва бархӯрди манфиатҳои шахсӣ ва давлатӣ дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойивазкунии (ротатсияи) ҳайати роҳбарикунанда гузаронида мешавад.

Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) ҳайати роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.».

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шуда, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» мебошад. Марҳамат, Мамадшо Илолович!

**Мамадшо ИЛОЛОВ: -Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» соли 2011 қабул гардида, аз 6 бобу 32 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагон Маҳмадалӣ Ватанов ва Маҳмадшариф Нозимов пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2011 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва танзими воридоту содироти маводи доруворию молҳои тиббӣ аз ҷониби мақомоти иҷозатдиҳандаи ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фармасевтӣ иборат мебошад.

Ба банди 4) моддаи 29 қонуни мазкур сархати сеюм бо мазмуни зерин илова шудааст:

«- рухсатнома барои воридот ва содироти маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ;».

Мувофиқи сархати иловашуда, барои воридот ва содироти маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фармасевтӣ рухсатнома дода мешавад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шуда, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: -Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» соли 2004 қабул гардида, аз 7 бобу 53 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 феврали соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқ намудани он ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат мебошад.

Бо назардошти мақсади зикршуда, ба моддаҳои 1, 5, 9, 11, 30 ва 36 қонуни мазкур тағйирот ворид карда шудааст, ки характери таҳририӣ ва муайянкунанда дошта, тибқи он калимаҳои «Раёсати корҳои ислоҳии», «Раёсати» ва «Раёсати корҳои ислоҳӣ» мувофиқан ба калимаҳои «Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии», «Сарраёсати» ва «Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» иваз карда шудааст.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шуда, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» мебошад. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» соли 2005 қабул гардида, аз 8 бобу 46 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 феврали соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқгардонии қонуни амалкунанда бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳамзамон дар баробари парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ, иқтисодӣ ва маъмурӣ гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ ҳангоми зарурият оид ба парвандаҳои оилавӣ, инчунин ба низом даровардани фаъолияти кормандони соҳаи экспертизаи давлатии судӣ иборат мебошад.

Вобаста ба ин, дар моддаҳои 4, 10, 18, 19, 20 ва 40 калимаи «хоҷагӣ» ба калимаи «иқтисодӣ» иваз карда шуда, дар банди 2) моддаи 10 ва қисми 2 моддаи 40 баъд аз калимаи «гражданӣ», калимаи, «оилавӣ», инчунин ба қисми 3 моддаи 40 баъд аз калимаҳои «парвандаҳои ҷиноятӣ» калимаҳои «ва маъмурӣ» илова карда шудааст.

Ҳамчунин ба моддаи 8 қисми 6 бо мазмуни зайл илова карда шудааст:

«6. Таъмини нигоҳдории объектҳои экспертизаи давлатии судӣ бо тартиби муқаррарнамудаи мақомоти дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар моддаи 9-уми қонуни мазкур пешбинӣ гардидаанд, амалӣ карда мешавад.». Дар моддаи 9 муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шуда, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

(Идома дар саҳ. 3)

# Қонунҳо ҷонибдорӣ гардиданд, ҳисоботи Прокурори генералӣ ба инобат гирифта шуд

**(Идома аз саҳ. 1, 2)**

Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2001 қабул гардида, аз 23 боб ва 226 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 феврали соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқгардонии он бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат мебошад.

Тағйироти қонун характери таҳририӣ дошта, мувофиқи он дар қисми 4 моддаи 23 ҳамин Кодекс калимаҳои «Раёсати корҳои ислоҳӣ» ба калимаҳои «Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» иваз карда шудааст.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шуда, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** -Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия -Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад.

Марҳамат, Мамадшо Илолов议.

**Мамадшо ИЛОЛОВ:-Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008 қабул гардида, аз 53 боб ва 853 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 феврали соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои протоколи Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2011 ҷиҳати таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ иборат мебошад.

Моддаи 332-юми ҳамин Кодекс дар таҳрири зайл ифода карда шудааст:

*«Моддаи 332. Идора намудани воситаҳои нақлиёт дар ҳолати мастӣ*

Барои идора намудани воситаҳои нақлиёт дар ҳолати мастӣ, инчунин вогузоштани идораи воситаҳои нақлиёт ба шахсе, ки дар ҳолати мастӣ қарор дорад,-

маҳрум кардан аз ҳуқуқи идораи воситаҳои нақлиёт ба мӯҳлати ду сол таъйин карда мешавад.».

Ҳамзамон ба моддаҳои 337 ва 339 тағйирот ворид карда шуда, барои идораи воситаи нақлиёт аз тарафи шахсе, ки дар ҳолати мастӣ қарор дорад ва ҳуқуқи ронандагӣ надорад, инчунин саркашӣ кардани ронандагони воситаҳои нақлиёт аз гузаштани муоинаи ҳолати мастӣ, муҷозоти маъмурӣ нисбат ба меъёрҳои амалкунанда пурзӯртар гардонида шудаанд.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шуда, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда авад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:**- Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ» шурӯъ менамоем.

Марҳамат, Мамадшо Илоловиҷ.

**Мамадшо ИЛОЛОВ:- Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ» соли 1996 қабул гардида, аз 27 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 феврали соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули Қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини амнияту тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирии ҷиноятҳкориву ҳуқуқвайронкунӣ вобаста ба харидан ва гирифта гаштани яроқи пневматикӣ аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Бо ин мақсад ба қисмҳои сеюм ва чоруми моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ» баъд аз калимаҳои «яроқҳои пневматикиро» калимаҳои «, ба истиснои таппончаҳои пневматикӣ,» ва баъд аз калимаҳои «ҳақ доранд» калимаҳои «таппончаи пневматикӣ ва» илова карда шудааст.

Мувофиқи тағйироти воридшуда, минбаъд шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо баъд аз додани рухсатномаи мақомоти корҳои дохилии маҳалли истиқоматашон метавонанд таппончаи пневматикиро ба мақсадҳои худмудофиа харида гиранд, ки харидории яроқи мазкур дар қонуни амалкунанда бидуни гирифтани иҷозати дахлдор муқаррар шуда буд.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шуда, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:**-Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем.

Марҳамат, Мамадшо Илоловиҷ.

**Мамадшо ИЛОЛОВ:- Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 қабул гардида, аз 15 фасл, 34 бобу 405 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 феврали соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф бармеоянд, инчунин тавсияҳои Кумитаи мубориза бар зидди шиканҷаи Созмони Милали Муттаҳид бо мақсади мутобиқ гардонидани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моддаи 1 Конвенсияи зидди шиканҷа иборат мебошад.

Дар ин зимн ба Кодекси ҷиноятӣ моддаи $143^{1}$ илова карда шудааст:

*«Моддаи $143^{1}$. Шиканҷа*

1) Қасдан расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ва (ё) рӯҳӣ, ки аз ҷониби шахсе, ки таҳқиқ ё тафтишоти пешакӣ мегузаронад ё шахси мансабдори дигар ё бо таҳрики онҳо ё розигии хомӯшонаи онҳо ё бо огоҳӣ доштани онҳо аз ҷониби шахси дигар, бо мақсади аз шахси таҳти шиканҷа қарордошта ё шахси сеюм гирифтани маълумот ё иқроршавӣ ё ҷазо додани ӯ барои ҳаракате, ки содир намудааст ё дар содир намудани он гумонбар шудааст, инчунин тарсонидан ё маҷбур кардани ӯ ё шахси сеюм ё бо сабаби дигаре, ки ба ҳар гуна табъиз (дискриминатсия) асос ёфтааст, содир шудааст, -

бо ҷарима ба андозаи аз сесаду шасту панҷ то нӯҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) такроран;

б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

в) нисбати зане, ки ҳомиладории ӯ барои гунаҳгор аён аст ё шахси баръало ноболиғ ё нисбати маъюб;

г) бо расонидани зарари миёна ба саломатӣ содир шуда бошад, - бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ва дуюми ҳамин модда, агар:

а) бо расонидани зарари вазнин ба саломатӣ содир шуда бошанд;

б) аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида ё боиси дигар оқибатҳои вазнин гардида бошанд, -

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз даҳ то понздаҳ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешаванд.».

Инчунин моддаи 262-юми Кодекси мазкур дар таҳрири нав бо номи **«Моддаи 262. Қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда»** ифода гардида, таҳдиди ҷавобгарии ҷиноятиро бобати мубориза ба муқобили қонунигардонии даромадҳо ва маблағгузории терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

Дигар тағйиру иловаҳо хусусияти мутобиққунанда дошта, барои аз байн бурдани мухолифати меъёрҳои кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шуда, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:**-Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад.

Марҳамат, Мамадшо Илоловиҷ.

**Мамадшо ИЛОЛОВ:- Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2009 қабул гардида, аз 50 боб ва 486 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 феврали соли 2012 қабул намудааст.



Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрои Барномаи ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011 – 2013 ва дар ин замина беҳтар гардонидани фаъолияти судҳо ҷиҳати таъмини адолати судӣ иборат мебошад.

Вобаста ба ин ба қисми 9 моддаи 111 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ҷумлаи дуюм ворид карда шудааст, ки минбаъд мувофиқи меъёри муқарраргашта, ҳангоми ба суди болоӣ бо тартиби кассатсионӣ шикоят ё эътироз овардан аз қарори судя дар бораи ба сифати ҷораи пешгирӣ ба ҳабс гирифтан ё ин ки рад кардани он суде, ки чунин қарорро қабул кардааст, бояд на дертар аз рӯзи дигари ба охир расидани ин мӯҳлат шикоят ё эътирозро якҷоя бо мавод ба суди марҳилаи кассатсионӣ ирсол намояд.

Ба моддаи 310-уми Кодекси мазкур қисми 7 бо таври зайл илова карда шудааст:

«7.Гузаронидани мурофиа бо тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур қатъ намудани пешбурди парвандаро истисно намекунад.».

Тағйиру иловаҳои дигари воридшуда характери муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳририӣ доранд.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шуда, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:**-Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» мебошад.

Марҳамат, Мамадшо Илоловиҷ.

**Мамадшо ИЛОЛОВ:- Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи нотариати давлатӣ» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни мазкур дар таҳрири нав бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 феврали соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мукаммал намудани принсипҳои фаъолияти нотариати давлатӣ, мутобиқ намудани меъёрҳои он ба қонунҳои амалкунанда ва таҳкими низоми ҳуқуқии соҳа иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» аз III фасл, 19 бобу 112 модда иборат буда, асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодии нотариати давлатӣ, вазифа ва принсипҳои фаъолияти нотариалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин муносибатҳоро дар соҳаи амалишавии фаъолияти нотариати давлатӣ танзим менамояд.

Фасли I қонуни мазкур асосҳои ташкиливу ҳуқуқии нотариати давлатӣ номгузорӣ шуда, аз бобҳои 1 – 3 таркиб ёфтааст, ки дар он мафҳумҳои асосии дар қонун истифодашаванда, шахсоне, ки амалиёти нотариалиро ба ҷо меоваранд, назорат, фаъолият ва принсипҳои фаъолияти нотариалӣ, қонуният, мустақилият, махфият, забони коргузории нотариалӣ ва маҳали ба ҷо овардани коргузорӣ дар амалигардонии фаъолияти нотариалӣ, ба мансаб таъин ва аз мансаб озод намудани нотариуси давлатӣ, боздоштани фаъолияти нотариуси давлатӣ, маблағгузории идораҳои нотариалии давлатӣ, ситонидани боҷи давлатӣ барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ ва хизматрасонии иловагии ҳуқуқӣ, нотариуси давлатӣ, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои он муайян карда шудааст.

Мувофиқи моддаи 1-уми қонуни зикргардида, нотариати давлатӣ - сохтори мақомоти давлатӣ мебошад, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва давлатро бо роҳи ба ҷой овардани амалиёти нотариалӣ ҳифз менамояд ва фаъолияти нотариалӣ бошад, фаъолияти ҳуқуқие мебошад, ки онро нотариусони давлатӣ ва дигар шахсони мансабдори барои ба ҷой овардани амалиёти нотариалӣ ваколатдоркардашуда бо тартиби муқаррарнамудаи қонуни мазкур амалӣ менамоянд.

Фасли II қонуни мазкур амалиёти нотариалӣ ва тартиби ба ҷой овардани онҳо ном дошта, бобҳои 4 – 17 - ро дар бар гирифта, вобаста ба масъалаҳои амалиёти нотариалие, ки нотариусони давлатӣ ва шахсони ваколатдор ба ҷой меоваранд, қоидаҳои асосии ба ҷой овардани амалиёти нотариалӣ ва намудҳои алоҳидаи он, ҳифзи молу мулки меросӣ, қабул ва эълон кардани васиятномаи махфӣ, додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос, додани шаҳодатномаи ҳуқуқи моликият, манъи аз соҳибӣ соқит кардани молу мулки ғайриманқул, тасдиқ намудани нусхаи ҳуҷҷатҳо ва иқтибос аз онҳо, аслияти имзо ва дурустии тарҷума, таъмини далелҳо, тасдиқи воқеият, супоридани аризаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ба амонат (депозит) қабул кардани маблағи пулӣ ва (ё) коғазҳои қиматнок, ба ҷой овардани навиштаҷоти иҷроия ва дигар амалиёти нотариалиро ба танзим даровардааст.

Фасли III қонуни пешниҳодшуда, боби 18 ва 19 – ро дар бар мегирад, ки дар онҳо тартиби татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии дигар давлатҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, амалиёти нотариалӣ барои шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, татбиқ кардани меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ, ҳифзи молу мулки меросӣ ва додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос, аз тарафи нотариуси давлатӣ қабул кардани ҳуҷҷатҳое, ки дар давлати хориҷа тартиб дода шудаанд, муносибатҳои тарафайни нотариуси давлатӣ бо мақомоти адлияи дигар давлатҳо, таъмин кардани далелҳое, ки барои пешбурди парвандаҳо дар мақомоти дахлдори дигар давлатҳо заруранд, татбиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур, дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» ва тартиби мавриди амал қарор додани қонуни мазкур пешбинӣ гардидааст.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шуда, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:**- Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем.

Марҳамат, Мамадшо Илоловиҷ.

**Мамадшо ИЛОЛОВ:- Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» соли 2008 қабул гардида, аз 6 боб ва 36 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 феврали соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҳкими ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд иборат мебошад.

Бо ҳамин мақсад, ба қисми 1 моддаи 12 қонуни мазкур банди «е)» илова карда шудааст, ки минбаъд мувофиқи он ҳангоми санҷиши шикоят Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳақ дорад бо парвандаҳои ҷиноятӣ, граждаӣ, оилавӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки вобаста ба онҳо санадҳои судӣ эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, инчунин бо парвандаҳои қатъгашта ё маводе, ки оид ба онҳо аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда шудааст, бо риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи маълумотҳое, ки дорои сирри давлатӣ, тафтишотӣ, тиҷоратӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда мебошанд, шинос шуда, аз онҳо маълумоти заруриро рӯйнавис ё нусхабардорӣ кунад.

Дар ин зимн, қисми 3 моддаи мазкур дар таҳрири нав ифода гардида, қисмҳои 4 ва 5 бо мазмуни зерин илова карда шудааст:

«4. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ё бо супориши хаттии ӯ корманди Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳуқуқ доранд бо риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷлисҳои тамоми марҳилаҳои судӣ, аз ҷумла маҷлисҳои пӯшидаи судӣ иштирок намоянд.

5. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон метавонад оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсоне, ки бинобар вазъи саломатӣ ё дигар сабабҳои узрнок қобилияти мустақилона истифода бурдани воситаҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои худро надоранд, ба суд ва ё дигар мақомоти дахлдори давлатӣ мурочиат намояд, аз ҷумла аризаи даъвогӣ пешниҳод кунад.».

Ба моддаи 22-юми қонуни мазкур банди «в)» илова карда шудааст, ки мувофиқи муқаррароти банди мазкур, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад ба мақомот ва шахсони мансабдори ваколатдори давлатӣ оид ба қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба ҳуқуқи инсон ё ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳо пешниҳод ирсол намояд.

Ҳамзамон матни моддаи 22-юми қонуни мазкур қисми 1 ҳисобида шуда, қисми 2 бо мазмуни зайл илова карда шудааст:

«2. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон метавонад ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати додани тавзеҳоти дастурӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон мурочиат намояд.».

Дигар тағйиру иловаҳои ба моддаҳои дахлдори қонуни мазкур воридгардида характери муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳририӣ доранд.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шуда, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:**-Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем.

Марҳамат, Мамадшо Илоловиҷ.

**Мамадшо ИЛОЛОВ:-Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004 қабул гардида, аз 62 бобу 508 модда иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2011 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқ намудани муқаррароти кодекс ба Конвенсияи байналмилалӣ оид ба соддагардонӣ ва ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ, аз ҷумла талаботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати рушду инкишофи минбаъдаи иқтисодӣ аз тариқи истифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва амалияи умумиэътирофшуда, иборат мебошад.

Вале таҳлили қонуни пешниҳодшуда ва муқоиса бо қонунгузории мавҷуда, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва гузориши шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ оид ба натиҷаи омӯзиш ва таҳлили қонуни мазкур, чунин норасоиву камбудиҳоро муайян кард:

1. Мутобиқи қисми 17-уми қонуни мазкур, аз қисми 5-уми моддаи 131-уми Кодекси гумрук бандҳои 5, 9 ва 10, ки пешниҳоди Сертификати маҳалли истеҳсоли мол, Сертификати мутобиқати мол ва Гувоҳномаи бақайдгирӣ дар мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро тақозо доранд, бе назардошти талаботи моддаҳои 33-36, 149, 270, 280 ва 314-уми ҳамин кодекс хориҷ карда шудаанд ва дар натиҷа мухолифати байни меъёрҳоро ба миён овардааст, зеро дар моддаҳои мазкури Кодекси гумрук пешниҳоди ҳуҷҷатҳои хориҷшаванда ба мақоми гумрук муқаррар гардидааст, аз ҷумла дар моддаи 149 барои иҷозати мол пешниҳоди ҳамин ҳуҷҷатҳо ба мақоми гумрук ҳамчун асос муайян карда шудааст. Тибқи банди 9) хориҷшавандаи қисми 5 моддаи 131, сертификатҳо танҳо дар ҳолатҳои нисбати мол муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки пешниҳоди сертификат бароящон ҳатмист, пешниҳод карда мешаванд. Илова бар ин, хориҷ намудани қисми 5 моддаи 131-уми Кодекси мазкур хилофи муқаррароти моддаи 13-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасонӣ» мебошад, ки мувофиқи он сертификатҳо ва ё санадҳо дар бораи эътироф кардани сертификатҳо якҷоя бо декларатсияи гумрукии мол ба мақомоти гумрукӣ пешниҳод гардида, барои ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани маҳсулот санади зарурӣ ба шумор меравад ва дар сурати мавҷуд набудани санади тасдиққунандаи бехатарии маҳсулоти воридотӣ, мақомоти мазкур воридоти онро то ҳал гардидани масъалаи гузаронидани сертификатсия ва ё эътирофи сертификати хориҷӣ манъ намуда, дар ин маврид мақомоти ваколатдорро огоҳ месозанд.

2. Муқаррароти қисми 26-уми қонуни пешниҳодшуда дар қисми 2 моддаи 264 иваз намудани калимаи «гумрукӣ» ба калимаи «иқтисодӣ», бе назардошти такрорёбии калимаи мазкур дар матни қисми зикргардидаро пешбинӣ менамояд, ки ҳангоми мавриди амал қарор ёфтани қонуни мазкур он шакли зеринро мегирад:

«2. Минтақаи озоди иқтисодӣ ҳамчун қаламраве, ки дар он низоми гумрукии минтақаи озоди иқтисодӣ амал мекунад, мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда мешавад.».

Чунин ҳолат мухолифати байни моддаҳои боқимондаи Кодекси гумрукро ба миён оварда, аз ҷумла ҷавобгӯи муқаррароти қисми 1 моддаи 31 ва қисми 2 моддаи 39-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» намебошад.

3. Мувофиқи қисмҳои 37 ва 57-уми қонуни мазкур дар қисми 2 моддаи 285 ва дар қисмҳои 1, 2, 3 моддаи 492-юми Кодекси гумрук калимаи «фармон» ба калимаи «фармоиш» иваз карда шуда, ҳамин калима дар моддаи 284, қисмҳои 3 ва 5 моддаи 285 боқӣ мондааст, ки хилофи талаботи қисми 1 моддаи 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мебошад, чунки мувофиқи он дар матни санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодаи мафҳумҳои (истилоҳоти) гуногун норавост.

4. Мутобиқи қисмҳои 49 ва 52-юми қонуни мазкур моддаи 417 дар таҳрири нав ва моддаи нави $441^{1}$ ба Кодекси гумрук илова гардида, дар моддаи нав ибораҳои гуногуни ҳаммаъно «(воҳидҳои мустақили шахси ҳуқуқӣ)» ва «(ҷузъу томи сохтории мустақили шахси ҳуқуқӣ)», («соҳибҳуқуқ») ва («соҳибмулк») истифода шудааст, ки хилофи талаботи қисми 4 моддаи 39 ва моддаи 40-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», инчунин моддаи 56 Кодекси граждаӣ мебошад. Тибқи қисми 2 моддаи 10 Кодекси гумрук, ҳамаи мафҳумҳои дигар дар ҳамин Кодекс мутобиқи мазмуне, ки дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд, истифода бурда мешаванд. Вале дар матни моддаи нави иловагардида, истилоҳҳои соҳавии «намояндагӣ ва филиалҳо» ва «ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», ки дар қонунгузории граждаӣ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» пешбинӣ шудаанд, сарфи назар карда шудааст.

5. Мувофиқи қисми 50-уми қонуни мазкур, дар қисми 8 моддаи 418-уми Кодекси гумрук ибораи «қисми 8 моддаи 417» ба ибораи «қисмҳои 10 ва 11 моддаи 417» иваз карда шудааст. Дар қисми 10 моддаи 417 ҳуқуқи мақомоти гумрук бобати истифодаи хулосаҳои аудиторӣ, санаду хулосаҳои мақомоти назоратиро (аниқтар – мақомоти назоратии давлатӣ) муайян шудааст. Мутобиқи қисми 11 моддаи 417, аз натиҷаи санҷиши гумрукӣ санад тартиб дода мешавад. Қисми 8 моддаи мазкури амалкунанда низ аз натиҷаи санҷиши гумрукӣ тартиб додани санадро тақозо дорад, вале қисми 8 моддаи 418 (бо истинод ба қисми 8 моддаи 417) муайян намудааст, ки оид ба ихтиёрдории моли ситонидашуда ё ҳабсшуда дар акте, ки дар он натиҷаи санҷиши гузаронидашуда инъикос меёбад, зикр карда мешавад. Ин меъёр характери императивӣ дорад. Бинобар ин, истинод ба қисми 10 моддаи 417, ки ҳуқуқи мақомоти гумрукро пешбинӣ намудааст, норавост ва ҷавобгӯи талаботи қисми 1 моддаи 31 ва қисми 2 моддаи 37-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» намебошад.

Тазаккур бояд дод, ки бар замми ин гарчанде тибқи қонуни мазкур дар моддаи 417 Кодекси гумрук калимаи «акт» ба калимаи «санад» табдил дода шуда бошад ҳам, аммо дар моддаҳои дигари ҳамин Кодекс калимаи «акт» боқӣ мондааст.

Кумита, бо назардошти асосҳои дар боло зикршуда, ба хулосаи зерин омад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда нашавад.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар бораи ҷонибдорӣ наёфтани он ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**(Идома дар шумораи оянда)**

***Ҷумъахон НАБОТОВ,***
***Абдулмаҷид МУРОДОВ,***
***Аъзам МӮСОЕВ,***
***Далер МЕРГАНОВ,***
***«Садои мардум»***
***Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ.***

● Мушкилот

# Чаро хоҳиши мардумро ба инобат намегирем?

***Як донишҷӯй аз шаҳри Ваҳдат барои таҳсил то ба шаҳри Душанбе (ҳамагӣ 20 километр) омадану бегоҳ ба хонааш баргаштан, тайи як моҳ қариб 300 сомонӣ роҳкиро медиҳад. Агар харҷҳои дигари ӯро (ғизои сабук, об, ручка, қалам, китоб ва ғайра)-ро ҳисоб кунем, чӣ қадар мешавад?***

Ҳар саҳар аз деҳаи назди пойтахт ба шаҳри Душанбе – пойтахти кишвари азизамон Тоҷикистон ба кор меоям. Дар ҷараёни рафтуомади ҳаррӯза бо ҳар гуна воқеот рӯ ба рӯ мешавам, бо ашхоси гуногун вомехӯрам, тағйироти табиию сунъии баамаломадаро мушоҳида мекунам, ки баъзеи онҳо табъамонро хуш, баъзеи дигар хира мегардонад. Чунончӣ, бандаро аз он хушам меояд, ки зимни рӯй ба рӯй шудан бо мӯйсафедону кампиракони деҳа, ҳатман онҳо дуои хайре мекунанд ва даст ба рӯ мекашанд. Ё мебинам, ки ҳамсояам дар тараддуди хонаободии фарзандаш аст ва болои манзили навсохтаашро мепӯшонад. Мо ба якдигар салом дода, барори кор мехоҳем. Мушоҳида мекунам дар роҳҳои деҳа, бо вуҷуди ноҳамвору пурлой буданаш, даҳҳо мошинҳои тамғаҳои беҳтарин ҳаракат мекунанд ва ҷавононе, ки бо сад азоб дар Федератсияи Россия кор карда, мошин харидаанд, онҳоро идора мекунанд. Аксари онҳо аз ноилоҷӣ мошинҳояшонро дар «хизмати» ҳамдеҳагон қарор додаанд. Марҳамат, ҳамсоя, амак, тағо, ҷӯра, ҳамқишлоқӣ ба куҷое, ки хоҳӣ «сумша те», мебарам.

Аммо дидани ҷавонону мардони зиёди сари кӯпрук ( бекорон), ифлосии паҳлӯи роҳу назди баъзе ҳавлиҳо, ахлоқи баъзе инсонҳо маро нороҳат мекунад. Инак, саҳари барвақт духтараки ҳамсоя як сатил поруро дар ҷӯйи маркази деҳа ҳаво медиҳаду бемалол ба хонаашон медароянд. Ҷавонмарди ҳузарбе бошад, болои ароба ду - се халта хокистару партовҳои дигар ба сари деҳа расида, халтаҳоро сари роҳи қатора ба холӣ кардан сар мекунад. Мушоҳида мекунам, ки обҳои аз ташноби аксари сокинони деҳа беруншуда ба ҷӯйбори марказӣ ҳамроҳ мешаванд…Ҳарчанд мегӯем, мефаҳмонем, вале бефоида!

Ин ноҷӯриҳои деҳаро ба қафо гузошта, сари роҳи калон – шоҳроҳи Душанбе-Ваҳдат мебароям, то ба мусофирбаре савор шуда, ҷониби шаҳри озодаву шукуфони Душанбе роҳ пеш гирам. Ахиран ин шоҳроҳ таъмиру таҷдид гардид, ҳамвору васеъ шуд, ки боиси хушист, вале ҳанӯз камбудиҳои зиёде дорад: истгоҳҳо на танҳо муайян нестанд, балки сохта нашудаанд, аломатҳои роҳ мавҷуд нест, ҷойи гардиши мошинҳо ва роҳгузарон ҳам номуайян, аз ҳама нигаронкунанда маърифати пасти баъзе ронандагон дар ин роҳ ( мошинҳоро бо суръати баланд меронанд, дар мавридҳои зарурат ба якдигар роҳ намедиҳанд, ба қоидаи ҳаракати роҳ риоя намекунанд, дар мусофирбарҳо бо мардум дағалӣ мекунанд) ба назар мерасад. Аз ин сабаб рӯзе нест, ки як-ду ва аз ин ҳам зиёд ҳодисаҳои нохуш рӯй надиҳад. Мутаассифона, дар ин шоҳроҳ дигар автобусҳои мусофирбарро умуман намебинед. Ҷойи чунин нақлиёти барои мардум қулаю арзонро имрӯз даҳҳо «Газел»-у «Хундай» ва таксиҳо гирифтааст. Одамон аз ноилоҷӣ ба ин намуди нақлиёт «одат» кардаанд ва ҳамин ки ба сари роҳ расиданд, ба дастболокунӣ сар мекунанд ва ба кадом намуди нақлиёте, ки рост омад, нишаста, маблағи барояшон гарон медиҳанд, то онҳоро ба пойтахт расонанд, зеро бояд ба кор дер намонанд, сари вақт ба дарс, ба беморхона- ба аёдати наздиконашон раванд ва ё кори дигареро анҷом диҳанд. Бегоҳ бошад, дар якчанд нуқтаи пойтахт «меҳрубонона» онҳоро ҷорчиён бо нидои «Орзобод-да биё» (Орҷоникидзеобод дар назар аст), «Биё, то бозори боло», «Станса кӣ меравад?» пешвоз мегиранду дар як лаҳза ба Ваҳдат мерасонанд. Масъулон парво надоранд, ки мардум бо чӣ мушкилот ҳар рӯз дар ин шоҳроҳ рафтуомад мекунанд. Онҳо аз куҷо медонанд, ки даҳҳо донишҷӯёни бечора ноилоҷ пасандози охирини падару модарашонро гирифта, барои он ки ба таҳсил раванд, онро харҷи нақлиёт мекунанд ва бегоҳӣ бо шиками гурусна, беҳолу бемадор ба хона бармегарданд.

Як донишҷӯй аз шаҳри Ваҳдат барои таҳсил то ба шаҳри Душанбе рафтану (ҳамагӣ 20 километр) бегоҳ ба хонааш баргаштан, тайи як моҳ қариб 300 сомонӣ роҳкиро медиҳад. Агар харҷҳои дигари ӯро (ғизои сабук, об, ручка, қалам, китоб ва ғайра)-ро ҳисоб кунем, чӣ қадар мешавад?

Ё даҳҳо маошхӯри давлатӣ музди меҳнаташро танҳо барои роҳкирои нақлиёт сарф намуда, барои зиндагии худу аҳли оилаашро пеш бурдан қарз мекунад. Арифметикаи оддӣ: аз як ҷониб барои бо «Газел» аз шаҳри Ваҳдат ба пойтахт омадан бояд 3 сомонӣ, таксӣ 4-5 сомонӣ диҳед, аз «Обшорон»-и пойтахт то «Садбарг» таксиҳо 3 сомонӣ, соҳибони баъзе мусофирбарон («Хундай», «Тангем») 2 сомонӣ талаб мекунанд. Агар мусофирон боз ба гӯшаи дигари шаҳр раванд, маҷбуранд 1 ё 2 сомонии дигар сарф кунанд. Яъне, ҷамъи ин баробар мешавад ба 6-8 сомонӣ. Бегоҳӣ ҳангоми бозгашт, боз 6-8 сомонӣ. Биёед, ҳисоби миёна 7 сомонӣ мегирем. Дар як рӯз 14 сомонӣ, дар як моҳ 420 сомонӣ. Хайр, 20 сомониашро мепартоем, мемонад 400 сомонӣ. Ин қадар маблағ танҳо барои роҳкиро сарф кардан магар барои коргари давлатӣ ва ё донишҷӯй гарон нест? Оё вай метавонад ва пул меёбад, ки барои нафсашро ором кардан чизе бихӯрад ва ё барои аҳли байташ ғизое харидорӣ кунад? Бале, «метавонад», як илоҷ ё тавре мегӯянд «як бало» мекунад. Саҳар шакарро дар пиёлаи чояш зиёдтар меандозад, нонро зиёдтар тар карда мехӯрад, то бегоҳ тоқат мекунад, баъд хона омада, ягон шӯрбои «сермурчу қаламфур»-и гарм тановул мекунад.

Бале, коре нест, ки нашавад. Чаро то ба ҳол масъалаи хизматрасонӣ дар нақлиёти мусофирбари Душанбе-Ваҳдат ҳалли худро намеёбад? Чаро масъулон хоҳиши мардумро ба назар намегиранд? Шояд савол диҳанд, ки мардум чӣ мехоҳад? Ман ин саволро ба бисёр мусофирон додам. Онҳо мегӯянд, ки бисёр намехоҳем, танҳо хоҳишамон ин аст, ки дар ин хатсайр хизматрасонии автобусҳоро ба роҳ монанд, нархи роҳкиро арзонтар, мувофиқи масофаи ҳаракати нақлиёт шавад ва муомила бо онҳо хубтар гардад.

Иҷрои ин талаби ночизи мардум ба кӣ гарон меафтад?

***К. БУРҲОНИДДИН,***
***«Садои мардум»***

# ЭЪЛОН

КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» барои қабули мутахассисони баландихтисос, ки таҷрибаи кории на кам аз даҳсола дошта бошанд, озодона баланси муҳосибавӣ тартиб дода тавонанд, синну солашон болотар аз 30-45 набошад, забонҳои тоҷикиву русиву англисӣ, қонунгузории андоз ва компютерро хуб донанд, аз ӯҳдаи истифодаи барномаи С-1 бароянд, ба вазифаи сармуҳосиб, муҳосиб, муҳосиби молу маводи корхона, хазинадор, прораб, муҳандиси нархномасоз, тарҷумони забонҳои тоҷикӣ-русӣ ва ҳуқуқшинос **ОЗМУН** эълон менамояд.

Моҳонаи хуби доимӣ (зиёда аз ду ҳазор сомонӣ), мукофоту ҷубронпулии мунтазам, хидмати ройгони тиббӣ ва дигар имтиёзоти соҳавӣ кафолат дода мешавад.

Агар мутахассиси баландихтисос бошад, бо манзили зисти идоравӣ таъмин карда мешавад.

Хоҳишмандон метавонанд ба нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Назаршоев 35, Раёсати КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон», телефон: 221-56-37 муроҷиат кунанд.

# ОАО «Таджик Эйр»

**приглашает на работу квалифицированных специалистов в области экономики, юриспруденции и финансов**




**ТРЕБОВАНИЯ:**

- ✓ высшее образование;
- ✓ опыт работы по специальности не менее 5 лет;
- ✓ уверенный пользователь ПК (MS, Office, IC);
- ✓ знание иностранных языков (преимущественно английского языка);
- ✓ исполнительность, коммуникабельность, конфиденциальность, ответственность, умение работать в коллективе.

**УСЛОВИЯ:**

- ✓ высокая оплата труда;
- ✓ дополнительный социальный пакет от авиакомпании (медицинское обслуживание в собственном медицинском центре, предоставление льготных авиабилетов).

**Присылать резюме по адресу:**
**ул. Титова 32/1, или по эл. почте a.mavlonov@tajikairlines.com**

**КОНТАКТНЫЕ ТЕЛЕФОНЫ: 48-701-50-45, 48-701-50-34.**

● Клуби «Экожурналистон»

# Забончапайванд дар ҳузури журналистон

**Дар ин рӯзҳои айёми баҳорон барои хабарнигорони воситаҳои ахбори омма – аъзои Клуби «Экожурналистон» таври амалӣ дидани пайванди ниҳолон ва тарзу усули парвариши онҳо хеле ҷолибу хотирмон буд. Барои онҳо чунин имконот дар Пажӯҳишгоҳи илмӣ - тадқиқотии ҷангали Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам шуд. Машғулияти навбатиро директори пажӯҳишгоҳ Ҳикматулло Назиров назариявӣ ва амалӣ хеле ҷолиб гузаронид.**

-Нахуст мехоҳам ба шумо иттилоъ диҳам, ки имрӯз мо озмоишгоҳеро ифтитоҳ менамоем, ки дар он пайванди чормағз, писта ва дигар навъҳои дарахтони мевадиҳандаро оғоз мекунем,- иброз намуд Ҳ. Назиров ва дар ҳузури журналистон, бо усули нави забончапайванд, пайванди навдаи дарахтони серҳосилро бо растаниҳои яксолаи чормағз гузаронид. Маълум гардид, ки ин кор дар асл мушкил ва нозук будааст, вале самараи хуб ба бор меорад. Ниҳоли пайвандгардидаи чормағз баъди ба он марҳами махсус молидан ва коркарди аррамайда бо маҳлули даҳани фаранг (пупароси мис) дар қуттии махсус гузошта, давоми 14-15 рӯз дар озмоишгоҳ нигоҳ дошта мешавад. Тӯли ин муддат ниҳол ба сабзиш медарояд ва онро гирифта, дар ҳавои кушод мешинонанд. Чунин навъи ниҳоли дарахти чормағз аллакай дар ду-се солагӣ ҳосил медиҳад.

Тавре маълум гардид, ин усул, яъне забончапайванд, бори аввал дар ҷумҳурӣ гузаронида шуд. Директори пажӯҳишгоҳ аз оғози ин кор ва ифтитоҳи озмоишгоҳ изҳори хушӣ карда, ба хабарнигорон гуфт, ки олимони пажӯҳишгоҳ акнун имкон пайдо карданд навъҳои нави серҳосили дарахтони чормағзу писта, себу анор ва ғайраро аз санҷиш гузаронида, ба хоҷагиҳои ҷангал, боғпарварон ва ҳамаи хоҳишмандон пешкаш намоянд.

Зимни машғулияти навбатии клуб хабарнигорон оид ба Пажӯҳишгоҳи илмӣ - тадқиқотии ҷангал маълумоти муфассал гирифтанд. Аз ҷумла маълум гардид, ки олимону муҳаққиқони он давоми фаъолияти на чандон тӯлонӣ дар самтҳои равнақ додани корҳои селексионии писта, чормағз, хуч ва дигар намуди растаниҳои ҷангалӣ, ки аҳамияти амалӣ барои хоҷагии ҷангал ва нигоҳдории солимии муҳити зист доранд, корҳои назаррасеро анҷом додаанд. Аз ҷумла, онҳо як навъи чормағзи юнонӣ бо номи «Вистан», як навъи писта- «Сабоҳ» ва ду навъи хуч - «Гулбутта» ва «Шаҳло» баровварда, соҳиби шаҳодатнома гардиданд.

Ду шакли чормағзи тунукпӯсти серҳосил, ки яке хӯшамонанд (то 7 дона чормағз дар як хӯша дорад) ва дигаре ҳамелӣ, баъди пайванд дар дусолагӣ ба ҷойи доимӣ шинонида шудаанд. Онҳоро ҳамчун дарахтони модарӣ барои тайёр кардани қаламча истифода мебаранд. Илова бар ин, ду навъи себи маҳаллӣ, ки пайдоишашон аз себҳои ёбоӣ аст, барои ноҳиябандӣ кардан ба идораи навъсанҷӣ ва ҳимояи навъҳо супорида шуд.

Аз ҷумлаи навигариҳои назарраси Пажӯҳишгоҳ ин ба роҳ мондани усули такмилшудаи пайванди зимистона мебошад, ки ба пешрафти соҳаи ниҳолпарварӣ ва минбаъд бо ниҳолҳои пайвандӣ таъмин кардани хоҷагиҳои ҷангал мусоидат менамояд.

Дар қитъаи замини назди пажӯҳишгоҳ коллексияи навъ ва намудҳои хуч ҷамъ оварда шудааст, ки дар он 25 буттаи тозанавъ мавҷуд мебошад. Аз ин буттаҳо тухмӣ ҷамъ оварда, ҳар сол ба хоҷагиҳои ҷангали шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Варзоб ва Хуросон дода мешавад.

***Б.КАРИМЗОДА,***
***«Садои мардум»***

Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақолаи «Аз Меҳргон то Ориёӣ»-ро баррасӣ намуда, чунин иттилоъ медиҳад.

Тибқи қарори маҷлиси Комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба минтақабобгардонии навъҳои нави зироатҳои кишоварзӣ (аз 17 марти соли 2011), пахтаи миёнанахи гурӯҳи миёнапази навъи «Ориёӣ», ки селексияи якҷояи олимони Ҷамъияти саҳомии ба номи Э.Бойматоваи шаҳри Конибодом ва филиали Институти «Зироаткорӣ» дар ноҳияи Б.Ғафурови вилояти Суғд мебошад, соли 2011 дар ҷумҳурӣ минтақабоб шудааст.

# Ба «Садои мардум» ҷавоб омад

Бо мақсади мукаммал гардонидани қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи тухмипарварӣ ба талаботи байналмилалӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи навъҳои растанӣ», тибқи талаботи Конвенсияи UPOV, таҳия гардид, ки 29-уми декабри соли 2010 таҳти №672 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.

Тибқи моддаҳои 6 ва 7-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи навъҳои растанӣ» селексионерон барои ҳифзи навъи растанӣ ҳуқуқ доранд. Инчунин тибқи моддаи 16-уми қонуни мазкур дар истеҳсолот барои истеҳсол ё такрористеҳсолкунӣ, фурӯш ё гардиши тиҷоратӣ, содирот, воридот, нигоҳдории навъ иҷозати селексионер талаб карда мешавад ва селексионер ҳуқуқ дорад подоши моддӣ гирад.

Зикр намудан бамаврид аст, ки мувофиқи натиҷаи санҷиши расмии навъҳо ва бо қарори маҷлиси Комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба минтақабобгардонии навъҳои нави зироатҳои кишоварзӣ дар солҳои охир навъҳои миёнанахи гурӯҳи пешпази «Ирам-IМН», «Зироаткор-64», гурӯҳи миёнапази «Сорбон» дар қаламрави ҷумҳурӣ минтақабоб гардидаанд.

Баробар бо навъи «Ориёӣ», навъҳои зикргардида аз ҷиҳати ҳосилнокӣ, сифат ва баромади нах нисбат ба навъҳои пешин беҳтар мебошанд.

Аз ин лиҳоз, ташкили тухмипарварии навъҳои мазкур бо назорати муаллифони навъ мавриди дастгирист ва маълумотҳои дар мақола дарҷгардида дуруст мебошанд.

***Ҷ.САИДОВА,***
***муовини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# ДАЪВАТНОМА БАРОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН

Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон (мақомоти Ваколатдор, суроға: ш. Душанбе, кӯчаи Шамсӣ 5/1, тел: 235-48-27) довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмуни хариди мол барои ширкат дар озмун бо тариқи иштироки номаҳдуд бо ҳуқуқи бастани Шартнома даъват менамояд:

| № | Ташкилоти Харидор | Предмети харид | Микдор | Санаи кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Вазорати мелиоратсия ва захираҳои об | Дастгоҳҳои обкашӣ ва муҳаррикҳои барқӣ | 6 | 13.04.2012 соати $10^{00}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақоми Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда пешниҳод намоянд.

# ЭЪЛОН, МУЗОЯДА!

**Иҷрочиёни Суди иқтисодии вилояти Хатлон рӯзи 9 апрели соли 2012 музоядаи №9-ро оид ба фурӯши амволи зерин, ки таҳти ҳабс қарор дорад, эълон менамоянд:**

1. Пахтаи навъи якум, ҳосили соли 2011, тамғаи №008 иборат аз як марка – 240 тойбанд (КИП), воқеъ дар шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 1-уми кӯчаи Фучик 25, бо нархи ибтидоии 1500 доллари ИМА барои як тонна.

Қабули дархостҳо барои иштирок аз рӯзи нашри эълони мазкур оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Музояда бо усули англисӣ гузаронида мешавад. Ҷойи баргузоршавии музояда: шаҳри Қӯрғонтеппа, кӯчаи Кайҳоннавардон, имор ати Раёсати адлияи вилояти Хатлон (ошёнаи сеюм).

Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатпулӣ бо тариқи накдӣ ё ғайринакдӣ ба суратҳисоби иҷрочиёни Суди иқтисодии вилояти Хатлон дар ҳаҷми панҷ фоизи арзиши молу мулк супорида мешавад.

Маълумоти иловагӣ бо телефони **(83222) 3-19-09.**




# ЭЪЛОН, МУЗОЯДА!

Иҷрочиёни Суди ноҳияи Файзобод 10 апрели соли 2012 музоядаро оид ба фурӯши амволи ғайриманқул – ҳавлии истиқоматӣ бо иншооти ёрирасон иборат аз ду сохтмон, воқеъ дар деҳаи Калшодии деҳоти Меҳрободи ноҳияи Файзобод, бо масоҳати умумии 260,6 $м^2$, ба фурӯш мебароранд.

Ҷойи баргузории музояда- деҳаи Калшодии деҳоти Меҳрободи ноҳияи Файзобод.

Барои маълумоти иловагӣ хоҳишмандон метавонанд бо суроғаи иҷрочиёни Суди ноҳияи Файзобод: кӯчаи И.Сомонӣ 40 муроҷиат намоянд.

Телефонҳо барои тамос: **831353-2357, 93-506-07-40, 907-76-66-60**

# Барҳам мехӯрад

Шаҳрванд Хаспалаева Муратгуль Тагаевна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0069493 бо РЯМ 3230008247 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Қубодиён 5 июни соли 2007 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

ҶДММ «Ситора-трейдинг», воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Бухоро 50«а», дорои РЯМ 0210002577, РМА 020019421, барҳам мехӯрад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Умаров Фируз Шамсович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0020140 бо РЯМ 0930006248 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 23 декабри соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

Шаҳрванд Азизов Маҳмадсалим, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ 1230062708 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 11 августи соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

Шаҳрванд Нақибов Шамсиддин, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ 1230065302 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 5 ноябри соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

ҶДММ «АЗА», воқеъ дар шаҳри Турсунзода фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

# Эътибор надорад

Дипломи гумшудаи силсилаи ТТ №0035426, ки онро Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе (ҳозира Коллеҷи тиббии шаҳри Душанбе) соли 2002 ба Сафарова Фариштамо Самадовна додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии гумшудаи №2005, ки онро Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон соли 2005 ба Исмоилов Икром Усмонович додааст, эътибор надорад.

***

Патенти гумшуда бо РЯМ 1230018589, ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 13 феврали соли 2009 ба Эшмурадова Тухтахон додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мероси қонунии гумшуда, ки онро Идораи 2-юми давлатии нотариалии шаҳри Душанбе 9 апрели соли 1996 таҳти парвандаи меросии №700/1990 ва қайди феҳристи 8Н-61 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Дунаевский (ҳозира Спитамен), хонаи 3 ба меросхӯрон Муллоева Ойша Қосимовна, Қосимов Ҷума, Қосимов Раҷаб, Муллоева Раҳима Қосимовна ва Бобокалонова Муслима Қосимовна додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0143536 бо РЯМ 0510004065-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Ваҳдат 9 ноябри соли 2010 ба Ширкати соҳибмулкони манзили «Ваҳдат» додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии гумшудаи №4148/10, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ соли 2010 ба Мардонзода Сунъатуллои Ҳайбулло додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи донишҷӯйии гумшудаи №0015/08-08, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ соли 2008 ба Насриддинов Файзиддин Сафаралиевич додааст, эътибор надорад.

***

Патенти гумшудаи №00449908 бо РЯМ 0930014938, РМА 095124336, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 1 марти соли 2010 ба Рашидов Абдувалӣ Абдумаликович додааст, эътибор надорад.

***

Шартномаи хариду фурӯши гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фрунзе (ҳозира Сино) 16 январи соли 2001 таҳти қайди феҳристи № 8Д-192 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Зарафшон 1, бинои 15, ҳуҷраи 16 ба Шералиев Абдувоҳид Абдуҳамидович додааст, эътибор надорад.

***

Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КФБТТ-и шаҳри Душанбе соли 2001 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Зарафшон 1, бинои 15, ҳуҷраи 16 ба Шералиев Абдувоҳид Абдуҳамидович додааст, эътибор надорад.

***

Дипломи гумшудаи №301162, рақами қайди 266, ки онро Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии рақами 33, шаҳри Душанбе соли 1974 ба Бабушкина Татьяна Васильевна додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии гумшудаи №2075, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов соли 2000-ум ба Сафаров Алидод додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи бақайдгирии гумшуда таҳти рақами 9339, ки онро КФТББ-и ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи деҳоти Чортеппа, деҳаи Ҷӯйбодом, ҳавлии №457-и ноҳияи Рӯдакӣ 21 декабри соли 1988 ба Назаров Раҳмон додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0145689 бо РЯМ 0930045408-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 17 феврали соли 2011 ба Фатхуллоев Зикриё Хайруллоевич додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ 1230064147-и гумшуда , ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 28 сентябри соли 2011 ба Азимов Ҷамшед Файзуллоевич додааст, эътибор надорад.

***

Патенти гумшуда бо РЯМ 1230056099, ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 26 марти соли 2011 ба Шодиев Зиёвуддин додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи хизматии гумшудаи №0552, ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 17 марти соли 2011 ба Зикриёев Лутфулло Ҳабибуллоевич додааст, эътибор надорад.

***

Патенти гумшудаи №0086483 бо РЯМ 0730022829, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 20 майи соли 2005 ба Шокиров Шамсиддин Асомиддинович додааст, эътибор надорад

***

Патенти гумшудаи №0060126 бо РЯМ 0730011966, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 16 марти соли 2010 ба Раҷабова Миҷгона Мухидиновна додааст, эътибор надорад.

***

Патенти гумшудаи №0086974 бо РЯМ 0730027275, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 13 июни соли 2010 ба Саидова Феруза Ибрагимовна додааст, эътибор надорад.

Конституция-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои МАРДУМ

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: *sadoimardum@yandex.ru*

Ба чопаш 30 марти соли 2012, соати 17.30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26782 нусха

Навбатдори шумора А. Мӯсоев

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова